# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзӯи «Динамикаи ҷамшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*EREMURUS*) дар шароити гуногуни экологӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия пешниҳод шудааст.**

Тибқи маълумотҳои илмӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1500 намуди растаниҳои шифобахш мавҷуд мебошанд, ки аз он 150 намудаш дар тибби анъанавӣ истифода бурда мешаванд. Дар минтақаҳои гуногуни кишварҳои собиқ Шӯравӣ аз тарафи олимон оид ба омӯзиш ва парвариши растании эфемероидӣ таҳқиқот гузаронида шуда, маълумотҳои зиёд оварда шудааст, ки яке аз онҳо растании Сич (*Eremurus*) мебошад. Дар маҷмуъ, 50 намуди растании Сич (*Eremurus*) маълум аст, ки аз он 29 намудаш дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯянд ва 9 намуди он ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст.

Диссертант Султонмамади Гулмамад барои ба мақсади илмии гузошташудааш ноил шудан якчанд корҳои озмоишӣ ва экспременталиро ба анҷом расонид.

Ӯ на танҳо хусусиятҳои физиологӣ, экологӣ, инчунин хусусиятҳои биохимиявии растании Сич (*Eremurus*) - ро дар рафти иҷрои корҳо ба пурраги омӯхтааст.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши растаниҳои эфемероидӣ, ки хусусияти шифобахшӣ доранд, то ҳанӯз омӯхта нашуда буданд ва омӯзиши онҳо айни замон мубрам мебошад.

Диссертант ошкор намудани динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявӣ дар намудҳои гуногуни Сич (*Eremurus*) вобаста ба афзоиш, давраҳои инкишоф, муҳлати нигоҳдорӣ ва шароити гуногуни экологиро ба ҷо овардааст. Диссертант муайян намудани заҳрнокии баъзе аз пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании Сичро (*Eremurus*) дар кори таҳқиқотии худ ошкор намуд.

Дар автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад муайян карда шудааст, ки кори илмии мазкур дар озмоишгоҳи институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИД иҷро гардидааст. Диссертант дар таҳқиқоти гузаронидааш намудҳои моддаҳои химиявии дар таркиби пайвастагиҳои фенолӣ ва карбогидратии растании Сичи калон (*E.robustus* Regel) ва Сичи ҳисорӣ (*E.hissaricus* Vved) бударо дар давраи нашъунамо муайян намуд.

Диссертант Султонмамади Гулмамад кори таҳқиқотиашро дар сатҳи баланди илмӣ ба иҷро расонидааст. Аз муҳтавои автореферат бармеояд ки мазмуни асосии кори таҳқиқотӣ дар мақолаҳои илмии маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон этироф шудааст интишор гардидаанд, ба таври пурра ва кифоя инъикоси худро ёфтаанд.

Муалиф барои гирифтани дараҷаи илмӣ номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия сазовор мебошад.

Дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва
биологии факултети химия ва биологияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, номзади илмҳои биологӣ Пиров Ғ.З.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140. ҶТ, ш. Бохтар, кӯчаи Айни 67
Почтаи электронӣ: pirovgafor@bk.ru
Тел: +992 889 27 41 41;

Имзои Пиров Ғ.З. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

25.05 2024